**Иқтибос аз суратҷаласаи №32**

**ҷалсаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 07.01.2021**

Шӯрой диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок карданд.

**Раис:** д.и.т., профессор Убайдулло Н.К.

**Иштирок карданд:** д.и.т., профессор Убайдулло Н.К. - раиси шӯро; д. и.т., узви вобастаи АМИТ Пирумшоев Ҳ.П. - ҷонишини раиси шӯро; д.и.т. Хоҷаева Н.Ҷ. - котиби илмии шӯро; д.и.т. Абдурашитов Ф.М.; д.и.т., профессор Абулҳаев Р.; д.и.т. Бобомуллоев С.; д.и.т. Додхудоева Л.Н.; д.и.т. Қобилова Б.Т.; д.и.т., профессор Муҳидинов С.Р.; д. и. т., академики АМИТ Яқубов Ю.; д.и.т., профессор Раҷабов А.; д.и.т., профессор Саидов А.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

Барои ҳимоя қабул кардани таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзӯи **«Таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (с.1991-2016)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, тасдиқи муқарризони расмӣ ва ташкилоти тақриздиҳанда.

Тибқи фасли IV-уми Дастурамал дар бораи Шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос «Ташхиси аввалия ва қабули диссертатсия барои

ҳимоя», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 с. №505 тасдиқ шудааст, Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA–005, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, санаи 24.09.2020 комиссияро дар хайати: Ю. Яқубов – доктори илмҳои таърих, академики АИ ҶТ, Б.Т. Қобилова – доктори илмҳои таърих, профессор ва А. Саидов – доктори илмҳои таърих, профессор барои баррасии диссертатсияи Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзӯи **«Таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (с.1991-2016)»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), ки дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст, таъйин намуд.

Дар асоси аризаи унвонҷӯ, хулосаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 29 майи соли 2019, протоколи №10, хулосаи комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, дар мутобиқат бо бандҳои 44-47 фасли IV-и Дастурамал дар бораи шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм, Шӯрои диссертатсионии 6D. KOA–005

**қарор мекунад:**

1. Хулосаи комиссия ҷиҳати мутобиқати диссертатсияи Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзӯи **«Таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (с.1991-2016)»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба соҳаҳои Шӯрои диссертатсионии 6D KOA–005 ва ба мавзӯи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.

2. Диссертатсияи Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзӯи **«Таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (с.1991-2016)»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Санаи ҳимоя 13 майи соли 2021 таъйин карда шавад.

4. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

А).**Набиев Ваҳоб Машрафович** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Б). **Ғаффоров Бахтиёр** – номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети таърих ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия.

5. Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода ба ҳайси ташкилоти тақриздиҳанда тасдиқ карда шавад.

6. Феҳристи ташкилотҳо ва ашхос барои фиристодани автореферат тасдиқ карда шавад.

7. Ба унвонҷӯ барои нашри автореферати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда иҷозат дода шавад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т., профессор — Н.К. Убайдулло

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т. — Н.Ҷ. Хоҷаева

Имзоҳои Н.К.Убайдулло ва Н.Ҷ.Хоҷаеваро тасдиқ мекунам:

нозири шуъбаи кадрҳо — Г. Файзуллоева